# ОРЗУ

## ТАРОНАИ ТАНҲОӢ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
О-95

Муҳаррир **Ҳоҷӣ Мурод**
Мусаввир **Ромиш Шералӣ**

**0-95. Орзу. Таронаи танҳоӣ. Маҷмӯаи шеърҳо. Душанбе, «Адиб», 2012, … саҳ.**

Маҷмӯаро ашъори шоири ҷавону ҷӯяндаи хушсалиқа фаро мегирад, ки мӯҳтавиёти он хонандаро ба сӯи замони пурпадида, қуллаҳои бовиқор саркашида, чашмаву уқёнуси пурмавҷу пуршӯр, офоқи пуропур аз нур мебарад. Офарандаи таълифот ошиқи воқеист ба сухану каломи мутаносиб. Ӯ дар дида нур, оёти рӯшанаш бар лаб, дар дил сурур, кӯлвори сухан бар дӯш ва рози дунё ба лавҳи хотир аз роҳу пайроҳаҳои кишвараш ғарқи андеша қадам мезанад. Дар пардози фитраташ менигорад, ки паҳноӣ ёбад ин марзу бум ба сурати асл, мазмуни дунё аз ӯ бархезад, озодию ободӣ мудом дар ихтиёраш бимонад.

**с Орзу, 2012**

## БА ҶОЙИ ФОТИҲА

Чанд сол пеш аз ин як гурӯҳ шоирон аз шаҳри Қӯрғонтеппа баргаштанд. Он ҷо маҷлиси машваратии адибони ҷавони вилояти Хатлон баргузор гардида буд.

Аскар Ҳаким, ки он вақт раисии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт ва ба ин маҷлис роҳбарӣ мекард, дар бозгашт ба ман гуфт:

–Дар байни ҷавонони эҷодкори Хатлон чанд тане ҳастанд, ки мо метавонем умедвори ояндаи зебои онҳо бошем.

Баъд, Аскар Ҳаким номи хонум Офоқ, Орзу ва Озарро ба забон гирифт.

Чанд сол аз байн гузашт. Ман аз тариқи рӯзномаҳо ва маҷмӯаҳои бачопрасидаашон бо навиштаҳои Офоқу Озар бештар ошноӣ пайдо кардам ва ба дурустии суханони Аскар Ҳаким имон овардам. Аммо аз Орзу хату хабар набуд.

Боре дар як ҷамъомад дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҷавоне ба наздам омад, ки дар даст дастгоҳи наворбардории телевизион дошт.

–Ман Орзу,– шиносонд ӯ худро.

–Оё ҳамон Орзуе нестӣ, ки таърифатро шунидему шеъратро надидем?

Ҷавон хандиду гуфт, ки: «Фурсат кам аст. Кор дар телевизиони вилоят фурсати зиёдро бисёр маҳдуд мегардонад».

Ҳамагон хуб медонанд, ки Орзуи Исо шоири боистеъдод аст. Аз ҳама хубаш ин аст, ки бо вуҷуди кори зиёд пайваста шеър менависад ва хуб менависад. Ман инро баъди мутолиаи мусаввадаи китоби аввалинаш дарёфтам. Худи ҳамин нукта, ки то имрӯз маҷмӯаи шеърҳояшро чоп накардааст, гувоҳи серталабӣ ва

муносибати ҷиддии ӯ ба кори эҷодӣ, ба шеър аст.

Шеъри ӯ нафаси тоза дорад, самимият дорад, дар пояи шеърҳои хуби имрӯз гуфта шудааст.

Бигзор худи хонанда қазоват кунад.

**Гулназар,**
Шоири халқии Тоҷикистон.

**БЕГОҲИ ФАРТУТ**

Дар ин бегоҳи фартут,
Зи баъди рӯзи корӣ,
Зи баъди пардадорӣ
Ва ҳадсу ошкорӣ
Ба болин сар гузорам холӣ аз ину ҳам аз он,
Наҳифу сарду камҷон…
Ба ҳоли худ, ки дорам дар сарои таънаву тазвир,
Бигирям?
Не! Намегирям!

Ҳама зарроти ҳастиям
Миёни муштҳоям
Ва дорам мефишорам
Сукути ошноиро ба аъмоқи ҷидорам.
Нафас андар гулӯ, аз ашк туфонвор меларзад,
Бигирям?
Не! Намегирям!

Вуҷуди шаҳр аблақ
Аз андӯҳи шадида.
Тамоми мардуми ӯ
Шабаҳро дар суроби сард ҳам боре надида.
Манам, ки то ба ин дам
Ба зери сардшаллоқи зимистони хиёнат зинда
мондам.
Пас, имшаб дар мазори рӯзҳои талху накбатбор
Бигирям?
Не! Намегирям!

Чӣ ҳоле: чинии чашмони шабрангам
Барои қатра ҳам ҷое надорад, ки бигирям.
Ба ҳар аҳвол: андар тангнои аҷзу нокомӣ
Зи дасти он ҳама ботинмуқаллид,
Барои зумраи ботилмунаққид…
Бигирям?
Не! Намегирям!

Дар ин бозӣ, ки номаш,
Худоё,Зиндагонист,
Ҳунармандона дар андӯҳи ғайре ашк хоҳам рехт,
Ки ҷои холӣ андар чинии чашмон бупероям
Ва ҷои ханда бар қасди ғам афзоям…

Ду чашмам хира дар чашми навори чеҳрабардорӣ,
Ҳунармандона дар саҳни зуҳуророие гирям,
Вале дар саҳнаи ҳастӣ
Намегирям!
Намегирям!

## НАФАСКОҲИДА

Сигорам хирмани дуд,
Дурудам пур зи падруд.
Ва кори дил ба сина
Гаҳе сусту гаҳе зуд.

Ман он танҳотаринам
Дар ин бероҳии роҳ.

Лабонамро, ки бастанд,
Куҷо берун равад оҳ?

Нафас дар имтидодаш
Раҳовардест ҷонро.
Раҳ, аммо танг бошад
Нафаскоҳидагонро.

Ман ин ҷо мешуморам
Нафасҳои пасинам.
Ҳамин як сояи сард
Рафиқи шабнишинам.

Навои чанги фартут
Маро мехонад ин дам.
Ки болу пар бигирам
Аз ин зиндони маҳкам.

Вале девор сангист,
Дили ағёр сангист.
Аз ин барҷонишинӣ
Танам бисёр сангист.

Дар ин арши ғамандуд
Ҳавои пар задан ку?
В-агар бошад ҳавое,
Мадоре дар бадан ку?

Навозишҳои набзам
Ба рагҳо оташ афрӯхт.

Нафасҳо, ки сар омад,
Сигорам то ба бун сӯхт.

## САРВАҚТ

Рӯзгороне миёни лою чал
Медавидам сӯ ба сӯйи ҷодаҳо.
Дар вуҷудам гоҳу ногаҳ мехазид
Ваҳшате аз рангу рӯйи ҷодаҳо…

Шом рагбори дарахтонро ба ҳам
Бо камарбанди сиёҳӣ баста буд.
Сурати маҳ дар ҳади ваҳшатфизо
Аз дили мурдобҳо барҷаста буд.

Медавидам то аз ин бечорагӣ
Рахт бандам бар диёри моҳтоб.
По ба поям, лек бо афсурдагӣ
Пири маҷнунбед мегуфт: «Об, об!..»

Кӯчаҳо ғамноку раҳ ғамноктар,
Шохаи сарсабз кайҳо мурда буд.
Аз раҳи поринааш дарёчаро
Ворисҳи Қорун ба яғмо бурда буд.

Бодҳо олуда аз бӯи видоъ,
Баргҳоро-ҳарфи рафтан бар забон.
Бо лисони барг меомад садо:
«Оҳ, мурдам, одамон, эй одамон!..»

Пойҳояш мехкӯби бардагӣ,
Бод менолид аз лабташнагӣ.
Оҳ, гуфтам, ки манам лабташнатар
Дар тамузи беҳисоби зиндагӣ…

Рӯзгороне гузашту баъд аз ин
Рӯйи гармобор маҷнунбед мурд.
Тирамаҳ бо абру борон дер кард,
Сабзандоми пур аз уммед мурд.

## ИНШОИ ЧАШМ

Худо кунад, ки ҳардумон ду сатри як ғазал шавем,
Фиганда ҳаҷрро асар, асалтар аз асал шавем.
Аз ин маҳал, аз ин макон ба шаҳри орзу равем
Ва дар забони мардумон ҳазору як масал шавем.

Ду ошиқу ду ҳамнафас, ду ошнокабутарем,
Биё, ба марзҳои дил паёми настаран барем.
Баҳори роҳгумзада ба боғу роғ оварем,
Ба дасти ёдҳо, биё, фироқи зард биспорем.

## ГУСАСТА

Бубин, ки дар лабам асар
Ба ғайри исми ту намонд.
Нигоҳи ман калимае
Ба ғайри исми ту нахонд.

Ман аз тамоми ҳастиям
Гусастаам барои ту:
Ба чилладорию сукут-
Ба кунҷи ғамсарои ту.

Бубин, ки нангу номи ман
Чу хок пеши пои туст.
Кифоя нест ин ҳама,
Вуҷуди ман фидои туст…

Ман аз тамоми ҳастиям
Гусастаам барои ту:
Ба чилладорию сукут-
Ба  кунҷи ғамсарои ту.

## ШОДИАНГЕЗТАРИН ШАБ

Шодиангезтарин шаб шаби мо аст,
Ки ба ҷузве зи замин рабт надорем.
Ва дар ин отифаи нашри ду оғӯш
Ғайри ин сужа дигар сабт надорем.

Мо дар ин маъракаи ишқситоӣ
Ҳамаро пушти дари хона гузорем.
Мисли он саҳна, ки анҷоми накӯ дошт,
Пой бар шаҳри пурафсона гузорем.

## ХАТСАЙРИ ЯКСӮ

Азбаски дарёзодаам,
Аз даст худро додаам.
Роҳи пасам кайҳост гум,
Бар пеш по бинҳодаам.

Ман дар кафи ҳар зиштрӯ,
Ҳам дар лабони пураташ–
Ҳамҳаҷми ҳар ҳаҷмам, вале
Бо хеш дорам кашмакаш.

Таслими дасти ону ин,
Таслими ин дунёи сард–
Аммо зи мавҷи саркашам
Тарсуст ҳар дарёнаворд.

Ин сангҳои бесадо–
Дар гунгии худ мондагор.
Танҳо манам дар чашмашон
Девонаи тахрибкор.

Номам ба сатри ҳар варақ,
Сарвожаҳои ғайбатам.
Безори худ, безори кас,
Ҳар ҷо дучори лаънатам.

Ин ном, номи пурсадо
Побанди чоҳам кардааст.

Бо заҷрҳои бекасӣ
Кайҳо ба роҳам кардааст.

Бо ҷомадони моҷаро
Дар ҷодаҳои атласӣ–
Хатсайри яксӯям ҳамин:
Аз бекасӣ то бекасӣ…

Бо ин ҳама девонагӣ
Бар қисматам тан додаам.
Аммо пушаймон нестам,
Азбаски дарёзодаам.

**ИШҚИНТИЗОР**

Ишқ, эй овардгоҳи зиндагӣ,
Аз бароят борҳо ҷангидаам.
Борҳо марги равонсӯзи туро
Дар фароварди асарҳо дидаам.

Ишқ, эй олияи шоирқудум,
Васфат оҳанги саропо нола шуд.
Хуни ошиқҳои дунё бедареғ
Дар фазои дашту саҳро лола шуд.

Ман чӣ будам, то ба ту пайвастанам?
Пайкари гунгу ғарибуфтодае!
Менишастам холӣ аз фардои хеш
Дар нишемангоҳи сарди ҷодае.

Омадӣ, эй ишқ, эй шоирқудум,
Омадӣ бегуфтугӯ, хуршедвор.
Омадӣ бе ҳадс, бе чуну чаро
Бар сарои ин дили ишқинтизор.

Ишқ, эй накҳат ба ҳар покизагӣ,
К-аз тане бар ҷисми ман печидаӣ.
Шояд оташпораҳои шавқро
Дар нигоҳи ишқрезам дидаӣ?!

Бе ту дунёям дучори тирагист,
Бо ту чашмонам ба дидан толибанд.
Бе ту боварҳо ба шак олудаанд,
Бо ту шодиҳо ба ғамҳо ғолибанд.

Ишқ, эй ҳодӣ, зи дастонам бигир,
Дар замони аз ду по уфтоданам!
Бош, бо ман бош, эй маънои ман,
То дами дардовари ҷон доданам!

## ГУСАСТАН

Шеърҳои гуфтаи мо тӯъмаи бод,
Чашмҳомон интизори пайки ношод.
Дар лабони бастаи мо кӯшиши коҳил барои оҳу
фарёд,
Дастҳомон аз ҳам озод.

Холием!
Холӣ аз хешем ҳамчун шишаи май.

Холием!
Чун шабеҳ аз ҳосили ду тарҳи ду.
Оҳ, роҳи андаке нест
Аз миёни турбати андешаам то манзили ту,
То дили ту.

## ЯК ЛАҲЗА

Ҷидори мавҷҳо мерехт ором
Ба рӯи майсаҳои нарми соҳил.
Тани ҳар бутта меларзид пинҳон
Зи авҷи бӯсаҳои гарми соҳил.

Ба сони тифл бо пистони абре
Гаҳе хуршед мехуспид сангин.
Гаҳе сар мекашид аз банди ғафлат
Ва меомехт бо дунёи рангин…

Вале хуршеди лабҳоям саропо
Ҳаменӯшид шаҳдоби тани ту.
Ва мекорид гулҳои муҳаббат
Ба даври шонаҳову гардани ту.

## МУСАВВИР

*Ба дӯсти мусаввирам Далери Меҳтоҷ*

Ту ба андозаи як мушт аз ин хок азизӣ,
Ту аз ин мазрааӣ, ё ки зи афлок?
Чӣ чизӣ?
Ту ки ҳамсанг ба шабнам зи раҳи субҳ расидӣ,
Ҳамагонро ба асоратгаҳи як қоб кашидӣ,
Чӣ кашидӣ?

Ману моро ту аз ин қоб раҳо кун,
Зи чаҳорарши дигар қоб сало кун.
Оҳ, дар вусъати ин рангбарангӣ
То абад кош бичангӣ.

Ман, ки дилхаста зи гулбазму майи ноб
Омадам бар панаҳи қоб.
Бикушо равзанаҳои садафи рӯз,
Ки  ба андозаи як чав
Ба сарангушти қалам ранг шавам,
Дил канам аз ҳамаву дар ту ҳамоҳанг шавам.
Бардаи қоби  ғазалхони туям ман,
Ҳамагӣ шоири дастони туям ман.

**ҒАМОВОЗ**

Шикастам борҳо, аммо
Ғурурам пар намегирад.
Ғамовози пур аз оташ
Ба осонӣ намемирад.

Ман он абри сияҳпӯшам
Ба рӯзи марги Марямҳо.
Ки меборам сари гӯре
Дар ин вайронаи ғамҳо.

Магиред аз ман, эй мардум,
Ҳамин як зарра уммедам.
Гузоредам, ки бикшоям
Дари дил сӯи хуршедам.

Ҳазорон бор бахшидам
Хиёнатҳои ёронам.
Вале ман боз ҳам танҳо,
Сари пайроҳа ҳайронам…

Шикастам борҳо, аммо
Ғурурам пар намегирад.
Ғамовози пур аз оташ
Ба осонӣ намемирад.

**ХУРШЕДРАБО**

Дар кӯчаҳои сард ба танҳоӣ,
Паймуда роҳи дард ба танҳоӣ.
Меуфтам аз дарахти ниёзи хеш
Чун баргҳои зард ба танҳоӣ.

Танҳоӣ ашкзост, вале дунё
Бо одамош тиратар аз ин аст.
Дар шонаҳои хастаам, эй мардум,
Кулвори пора-пораи нафрин аст.

Танҳоӣ ашкзост, вале бошад,
Танҳотарини олами худ бошам.
Ғамсӯзи як таронаи танҳоӣ,
Як лаҳза кош дар ғами худ бошам.

Дур аз ҳама, ҷароҳати қалбамро
Бо нолаҳои талх даво бахшам.

Балки сукути хонаи сардамро
Бо гиряҳои хеш садо бахшам.

Эй норафиқи хандаи  шабнамҳо,
Хуршедро рабудани ту дар чист?
Охир барои ман, ки пур аз оҳам,
Дар барги сабз маҳв шудан кофист…

Аз ман бирафт ҳар чи ки дар ман буд,
Аз ман бирафт шавқи шукуфтанҳо.
Ман чиллашини марги баҳоронам
Дар фасли тирамоҳ тани танҳо.

## ҲИММАТИ ҶУЙ

Боми хонам ошёни кафтарон буд,
Осмонам ҷилвагоҳи ахтарон буд.
Соягоҳи суфраи сардам замоне
Маҳфили гарми маъониофарон буд.

Ман ҳамон маҷрӯҳи разми бебарорам,
Ташнаҷоне дар миёни шӯразорам.
Бо ҳазорон лаҳзаи дарҳамшикастан
Дар сари пои худ аммо устуворам.

Сақфи хонам нест, аммо дастҳоям
Кафтаронро шохаи сабзи чаноранд.
Решаҳои ташнаи ин ҷони захмин
Интизори ҳиммати як ҷӯйборанд…

Ман ҳамон маҷрӯҳи разми бебарорам,
Ташнаҷоне дар миёни шӯразорам.
Бо ҳазорон лаҳзаи дарҳамшикастан
Дар сари пои худ аммо устуворам.

## ҲУРМАТИ ДИДОР

Боз омадам, ба ҳурмати дидор, ин манам,
Он шӯълаи хамӯш ба рагбори хотирот.
Оре, манам, ки омадаам аз диёри дур
Бо дастҳои холию саршори хотирот.

Ман шакли нотамоми ғазалпораи баҳор,
Ман панҷа-панҷа гумшудаи обу оташам.
Тарҳи туро ба ёди ҳамин лаҳзаи висол
Дар шишаҳои тираи андӯҳ мекашам.

Инак, дуруд, эй ки чу хуршед хуфтаӣ
Дар даштҳои ташнатарини нигоҳи ман.
Аз дафтарат ба рӯи «ғами ҳаҷр» хат бикаш
Зерост, ошёни ту анҷоми роҳи ман…

Боз омадам, ба ҳурмати дидор, ин манам,
Он шӯълаи хамӯш ба рагбори хотирот.
Оре, манам, ки омадаам аз диёри дур
Бо дастҳои холию саршори хотирот.

## ОФТОБ АСТ ГУВОҲАМ

Офтоб аст гувоҳам,
Ки ман  он пардаи зулмонии шабро
Ба раҳи мижжа даридам
Ва бад-ин рӯз расидам.

Офтоб аст гувоҳам,
Ки дар он тантанаи субҳ сафое
Ба ҷуз аз ҷилваи ёди ту надидам,
Ба ту аммо нарасидам.

Офтоб аст гувоҳам,
Ки ба сарвақти намозам
чу нишотовари армон
Ба лабам исми ту буд
Ба рукуъу ба суҷуд.

## ПАРАНДАҲО

Номаҳал дарвозаҳояшро тамуз
Кард во бар пешвози тирамаҳ.
Бод бо бедардӣ аз шохе фиканд
Ошёни ишқи моро раҳ ба раҳ.

Пар кушудем аз барои зистан
То баландиҳои арши лоязол.
Пеши рӯ овардгоҳи дигаре,
Пушти сар он ошёни поймол.

Хайр мегуфтем, хайри вопасин
Бо дарахти хушки баргуфтодае.
Ғайри мо дар даҳр гӯиё набуд
Инчунин бадрӯзу накбатзодае.

Бо ҳама аҷзи ниҳон-дар марзи дил,
Дар лабони баста, аммо ханда буд.
Аз тамоми давлати ҳамхонагӣ
Ишқ танҳо зиндаву поянда буд.

Зери по аз партави баҳри дамон
Атласи хушранги обӣ доштем.
Фориғ аз овори сарди хештан,
Мавҷҳоро дӯст меангоштем.

Оҳ, аммо домани баҳри дамон
Гӯиё як порае соҳил надошт,
Аз барои хастаболони сафар
Як нишемангоҳ, як манзил надошт.

Хаста аз парвози бесамту самар,
Рахна рӯ зад аз  паи маҳви бадан.
Дар масири  ин сафар, эй вой, монд
Ҷуфти болам, ҳай дареғ аз пар задан…

Баъд аз ин дар соҳили чашмони ман
Ғамгиёҳи бекасӣ сабзидааст.
Ишқи ман дигар чу ашк аз дидаам
Бар хутути гунаҳом афтидааст.

## ФАНДИ ШИРИН

Аз фазои яъсу озор,
Аз канори роҳи бесуду барор,
Аз фитоданҳо ба пойи рӯзгор…
Меравам то кӯи ту,
То сарамро соате монам сари зонуи ту.

Ин ҷаҳон афсонае, ки гуфта будӣ, нест-нест,
Он ҳама гулхонае, ки гуфта будӣ, нест-нест…
Ин ҷаҳон олудаи кизбу хатост,
Рӯдбори ҳарфҳои носазост.

Ман дар ин фасли ҳақорат
 ғунчаи лолоиҳои кӯҳнаатро чиданиям,
Кохи мармарҷодаи ҳар қиссаатро диданиям.
Дар баҳои фанди ширинат якояк
Ман ҳақиқатро бидуни шубҳае бахшиданиям…

Оҳ, модар, зиндагонӣ бозӣ аст,
Худфиребӣ, худкушӣ, худсозӣ аст.
Бехабар аз қалбҳо, танҳо ба зоҳир
Хештанпардозӣ аст,
Хештанпардозӣ аст!

## МОДАР, ДУО БИКУН!

Кӯҳе, ки бори ин  ҳама дунё ба дӯши ӯст,
Дар шонаҳои туст.

Нахле, ки пок буду бар афлок кашид сар,
Аз домани ту руст.

Модар, дуо бикун, ки ин фазо тиҳӣ шавад
Аз доғҳои дард,
Аз қалбҳои сард,
Аз сӯзу аз фироқ
В-аз даҳшати талоқ…
Модар, дуо бикун!
Модар дуо бикун!

## ВИДОЪ

*Барои Манижа Давлатова*

Аз абри нолаҳот, ки хуноба мечакид,
Ман сатр-сатр шеъри ғамандуд бофтам.
Дар зулмати сиёҳии шабҳои бефурӯғ
Аз ҳар даре нишони ту беҳуда кофтам.

Гаҳ мерасӣ мисоли хаёлоти шеъри гарм,
Гаҳ меравӣ накарда зи дидор дида сер.
Гоҳе нишаста дар ҳарири шишаҳои тар,
То даст мебарам, ки шавад дер, дер, дер.

## ОЖАНГИ ТИРАМОҲ

Он рӯзҳо ба ғайри ҳамими шукуфтанам
Овои фасли зард ба хилватсаро набуд.
Байни ману баҳор, ки ҳамранг будаем,
Он рӯзҳои хуби Худо моҷаро набуд.

Мағруру сарбаланд ман аз минбари баҳор
Ҳарф аз ду ғунчадонаи пайванд мезадам.
Бар чеҳраи залилу пурожанги тирамаҳ
Аз остони дағдаға писханд мезадам.

Он рӯзҳои хуби Худо дасти ман бичид
Аз шохаҳои сабз гули издивоҷро.
Дар он сарой ҳиммати дастони орзу
Афканда буд зинати як тахти оҷро…

Он рӯзҳо фусурду баҳори гусастаро
Аз тангнои хотираҳо ёд мекунам.
Дар чеҳраи гирифтаи худ ғайри ихтиёр
Ожангҳои тирамаҳ обод мекунам.

## ҲИКОЯТИ ШУКУФТАН

Ба ҳадди як таронае
Шукуфта дар ҳавои ман.
Расидаӣ, ки бишканӣ
Сукути дерпои ман.

Саодати расиданат–
Шамими тозаи саҳар.
Башорати нигоҳи ту
Зи ишқ ҳаст чорагар.

Маро, ки имтиёзи ман
Ба ҳадди шабнам асту бас.

Бимон, ки дар ту гум шавам
Ба як дами ками нафас.

Ту чун чаман ҳикоятӣ
Ба дафтари хазони ман.
Ки барг-барг бастаӣ
Ба шохаҳои ҷони ман…

Ман аз диёри зулматам,
Ту аз табори равшанӣ.
Бигӯ, ту, эй Худои ман,
Ягонаӣ, ки аз манӣ!

## ФИКРИ РАҲОӢ

Ман аз он пораҳои ёд имшаб
Раҳо созам вуҷуди мобиламро.
Барам то дурдасти бенишонӣ
Фазои меҳнат, озори диламро.

Ман аз он пораҳои ёд имшаб
Ҷидоре рӯбарӯйи хеш созам.
Ба як сӯйяш бимонад хирмани ёд,
Ба дигар сӯ: дили ошиқнавозам.

Гурезам то ба кӯи бесадоӣ
Зи чанги пораҳои ёд имшаб.
Қазои эътиборамро супорам
Ба ҳукми панҷаҳои бод имшаб.

Дигар дар мобилам бо ҳукми имон
Вуруди зангҳоятро бубандам.
Бигӯ бар оламу одам, ки хеле
Хиҷолатнопазиро, худписандам.

## ФАРҲАНГИ ИШҚ

Он машъале, ки даст ба даст аст, мурдааст,
Пайроҳа низ зери қадамҳо фусурдааст.
Истора ҳам дурахши самимонаро дигар
Аз ёд бурдааст.

Эй ҳодиёни роҳ!
Ман холиям зи шавқи расидан ба фасли нав.
Аз рангҳои тозаи имрӯз холиям,
Ман мондагори сабки сафеду сиёҳиям.

Дерест ахми абр дигар во намешавад,
Ҷуз он чӣ буд, байти нав иншо намешавад.
Дар шохаҳои хушки дарахтони зеҳни мо
Гул во намешавад.

Асрест, асри наҳс,
К-оинаҳо рисолати оинагии хеш
Дар ихтиёри фасли пурасрор додаанд.
Фарҳанги ишқро, ки мубарро зи нақс буд,
Бо нақду нася дар кафи яғмо ниҳодаанд…
Асрест, асри наҳс.

## САБЗУ АРҒУВОНӢ

Боз дилам таронаҳои сабз месарояд,
Панҷаи гул равзанаро боз мекушояд.
Боз ҳама парандаҳо мунтазири дастанд,
Барои доначинишон бар ба бар нишастанд.

Нагӯ, нагӯ,
Ки шаби сияҳ саҳар намеша.
Нагӯ, нагӯ,
Ки зи дил ғам   бадар намеша.

Биё, ки боғ чӣ қадар сабзу арғувонист,
Ду рӯзи бо ту буданам –ҳама зиндагонист.

Оҳ, нагӯ ҳавас аст
Ишқи наврасида.
Шӯълафикан
Оташ аст,
Ба танам дамида.
Оҳ, биё ки ҳанӯз дасти сарди поиз
Ба шохи арғувонии ишқ норасида.

Нагӯ, нагӯ,
Ки шаби сияҳ саҳар намеша.
Нагӯ, нагӯ,
Ки зи дил ғам бадар намеша.

Биё, ки боғ чӣ қадар сабзу арғувонист,
Ду рӯзи бо ту буданам–ҳама зиндагонист.

## ОШИҚ

Моҳтобӣ дар шабистони дилам,
Офтобӣ рӯи боми манзилам.
Ту агар дарё шавӣ, ман соҳилам,
Эй тапишҳои пуровози дилам.

Ту бигӯ ошиқамӣ,
Ки бигӯм ошиқатам.
То нафас ҳаст маро,
Ошиқи содиқатам.

Ин ҳама сӯз барои мо кам аст,
Як, ду, се рӯз барои мо кам аст.
Пас, биё дар барги гул шабнам шавем,
Ҳардумон қурбонии як дам шавем.

Ту бигӯ ошиқамӣ,
Ки бигӯм ошиқатам.
То нафас ҳаст маро,
Ошиқи содиқатам.

## ИҚРОР

Ба ишқ сар супурданам,
Кифоя нест, кифоя нест.
Ҳамеша ранҷ бурданам,
Кифоя нест, кифоя нест.
Маро, ки мекушӣ, вале
Дубора зинда мекунӣ.

Ҳазор бор мурданам,
Кифоя нест, кифоя нест.

Ту пок, поки мӯътабар,
Ба рӯшанӣ ситораӣ.
Ба сардрӯзи зулматам
Ҳароратӣ, шарораӣ.

Нафас-нафас таронаро
Шамими абр додаӣ.
Нигоҳи хастаи маро
Ба рӯзи нав кушодаӣ.

Маро аз ошёнаам
Ба дурҳо кашидаӣ.
Бигӯ, бигӯ, ки аз кучо
Ба кӯи ман расидаӣ?

Манам, ки аз шикастанат
Ҳазор бор бишканам.
Муҳаббат аст дар ҳама
Шикастапораи танам…

Ба ишқ сар супурданам,
Кифоя нест, кифоя нест.
Ҳамеша ранҷ бурданам,
Кифоя нест, кифоя нест.
Ҳазор бор мурданам,
Кифоя нест, кифоя нест.

## ХОҲИШ

Биёву дар ҳамими бӯсаҳоят
Аз ин дунёву дар бегонаам соз.
Ба ҳушёрӣ надидам ҳеҷ серат,
Ба ҷӯши нозҳо девонаам соз.

Биё, ай ҷилвабор аз шеваи нур,
Биё, ай дилрабову дилнавозам.
Биё, то дар нигоҳи оташинат
Бақои ишқи саркашро гудозам…

Биё, тақвими умри рафта яксар
Бисӯзонем дар оташгаҳи дил.
Ба танҳоӣ раҳи ман монд вопас,
Биёву бош, ҷоно, ҳамраҳи дил.

## ОЁТИ ХУРШЕДӢ

*(Ба устод Хайрандеш)*

Бад-ин гармӣ,
Бад-ин оёти хуршедӣ
Саодатро чу гулҳои сапеди қолии хушранг
Ба рӯйи лавҳи бемазмуни чашмонам ато кардӣ,
Маро аз пиллаи андӯҳи дунёе раҳо кардӣ.
В-аз ин пас тарсам аз рӯзе,
Аз он як лаҳзаи машкук,
Аз он сонияи матрук,
Ки барҳам нобаҳангом мезанам ман мижаҳоямро.

Дар он ҳангом,
Ҳангоми пур аз овози дардолуд
Ақоиқҳои хушранги нигоҳамро
Ғиреви гушнаи пойиз барчинад.

Вале ман аҷзро мағлуб хоҳам кард,
Ба шеде, ки туро зодаст
Ва ё волотар аз он шед ҳар дасте, ки истодаст,
Тамоми ояҳои покпарвози Авасторо
Якояк ришва хоҳам дод.

**АСОРАТ**

Дар банди ишқу ҳабси нафасҳои гарми ман
Уфтодаиву роҳи раҳидан дигар маҷӯ.
Он айбу он гунаҳ, ки зи ман рафт, ҷумларо
Зинҳор ҷурми ишқи гудозиши ҷон магӯ.

Дар инҳисори ҷангали чашмам панаҳ бубар,
Биншин ба соязори гулободи хуррамаш.
Биншин даме, ки роз кушоям барои ту
Дар саҳфаҳои рӯшани ҳар қатра шабнамаш.

Аз чашми ман  маҷӯ  шарари порсоиям,
Ман рӯшании гумшудаи ранги хоҳишам.
Ҳарфе магӯ зи оину расми ниё, биё,
Аз баҳри хеш бигзару бинмо навозишам.

## ҲАМХОНАИ ШАБ

Ин шеър, шеъри мурдани шамъест, к-аз шабам
Он ҳодиёни кӯр ба яғмош бурдаанд.
В-аз нур бениёз, вале каф зи нур пур
Ин хонаро ба дасти сиёҳӣ супурдаанд.

Акнун, ки зулмат аст дар ин хона мондагор,
Ламсида дар сиёҳии бесоя, мехазам.
Бо равшанӣ агарчӣ маро буд издивоҷ,
Имрӯз дар никоҳи шаб ангушт мегазам.

## НУҲУФТАГОҲ

Он ҷо ба лавҳаҳои нигаҳ сояҳои тар
Нақши ҳазор хотираамро кашидаанд.
Фарёдҳои гумшудаам аз ҳарири ях
То инҳисори фасли шукуфтан расидаанд.

Он ҷо тазарви хаставу паркандаи хаёл
Аз тундбоди ҳодиса дарёфт эманӣ.
Ин амният, ки ояти сабзи расидан аст,
Бахшид бар қиёфаи андеша равшанӣ.

Он ҷо наҷобатам, ки дигар ҳеҷ гаштаам,
Аз нав зи хоки мазраи маргам сиришта шуд.
Ҳар вожаи фарози фаногаштани сукут
Дар осмони тираи бахтам фаришта шуд.

## БЕСАРУ БЕСАБРУ БЕПАРВО

Оҳ, дар ман, боз мемирад
Шӯълаи ишқе зи сар то по.
Ман чӣ ҳастам, ғайри тасвире,
Дар сукути хастаи шабҳо.

Ман фурӯғи  субҳи пурфандам
Дар дили шабҳои зулматзо.
Ҳамчу боди раста аз бандам,
Бесару бесабру бепарво.

Бигзар аз ман, эй ки мебинӣ:
Хандаи бахтат ба лабҳоям.
Зоҳиран гар мисли хуршедам,
Дар ҳади ботин чу шабҳоям.

Бигзар аз ман, то тавон дорӣ,
Монданат бо дард  то чанд аст?
Барқи чашмонам агар пок аст,
Чашми Марям нест, пурфанд аст.

Бигзар аз ман, то набигзорам
Бар сари  раҳ тифли армонат.
Бигзар аз ман, то марезонӣ
Оқибат марҷони чашмонат…

Баъди ту дар ман намемирад
Майли дил додан ба дилдоре.

Оҳ, ин дил чун парасту боз
Барнишинад рӯи деворе.

## ҲИКОЁТИ НАҲИФ

Дар навишти сарнавишти мову ӯ
Саҳви дунё рафт аз дасти қазо.
Бо сарангушти давоташ маҳв кард
Саҳви ӯ сақфи фазои покро.

Саҳви ӯ роҳест, к-аз як суви он
Меҳазам ман дар қади мурдобҳо.
Лек мехонад маро бо дастҳо
З-ин қафас бар ошёни хобҳо.

Меҳазам, то дар фаровардѝ сафар
Субҳи сарвақташ ҳамоғӯшам шавад.
Дастҳояш бо ҳикоёти наҳиф
Такдарахти гӯри хомӯшам шавад.

Оҳ, медонам, ки фурсат рафтааст,
Давр ҳаст аз гашти тақвим носипос.
Дастҳои ӯ ба домони сухан,
Дастҳои ман ба қабзи илтимос…

Кош қисмат бо ҳама саҳву хато
Дар ҳавои ишқи ӯ пирам кунад.
Меравам чун саҳв байни ҳарфҳош,
Саҳви рӯшан, то ки таҳрирам кунад.

## ГУФТУГӮ

Дар лаби дарёи танҳо ман зи танҳоӣ
Боз бо шоми ғамово гуфтугӯ кардам.
Боз дар чашмони чун бахтам сиёҳаш ман
Шӯълаи гарми ҳавасро ҷустуҷӯ кардам.

Гуфтамаш: «Рӯшан набошад гар фазои бахт,
Лек пушти абри ғам шояд, ки хуршед аст.
Ҷодаи паймудаи ман гарчи зулмонист,
Интиҳои шаб ҳамегӯянд испед аст!»

Шом бо узре ба гӯшам гуфт: «Эй ғофил,
Кай ҳарорат ёбӣ аз ҷавлонгаҳи сармо?
Субҳи бахтат ранги чашмони маро дорад,
Ин қадар беҳуда меҷӯйӣ зи дай гармо».

Роҳи фардову раҳи дирӯз шуд ғоиб
Дар ғубори қасди дардолудаи тақдир.
Беҳадаф поям зи тарси гумраҳӣ лағзид
Дар раҳи сарбастаи тақдири бетадбир.

## ҒУРУБ

Офтоби ишқи ман оҳиста мелағзад кунун
Аз фазои чашмҳоят бар ғуруби бефуруғ.
Худ тулӯъи офтоби ишқи ман як саҳв буд
Дар самои чашмҳои пур зи найрангу дурӯғ.

Аз навозишҳои гарми офтоби ишқи ман
Бар кавири дидаат мерехт нури орзу.
Баски шом омад ба марзи ишқи мо, хун мечакад
Ин замон бар маскани аз ишқ дури орзу.

Ин замон ишқи ба нанг олудаам дар мотам аст,
Хилватам пурнола гардидаст з-оҳанги малол.
Он ҳама хушсабзии сарвақти ту дар ёди ман
Гаштааст аз рез-рези абри ғусса поймол…

Офтоби ишқи ман! Магзор бо лабханди ту
Аз кавири чашми пуртазвир хезад навбаҳор.
Яъсро афкан бар оташ, зиндагиро нур бахш,
Ё бичӯ хилват ба пойи қуллаҳои нангу ор.

## ХАНДАИ ОЗОДӢ

По набигзорам ба берун аз муҳити хонаам,
То бурун аз худ намонам дар буруни фандбор.
Он бурун, он чаҳ, ки аз обаш чашидам, сад дареғ,
Заҳри аҳди носипосиҳои дунё шаҳдвор.

Аз дари ин манзили хомӯш, аммо пур зи ёд–
Музтари фанди бурун–худро кашидам борҳо.
Аз риёву макру ҷабраш дилпарешу синареш
Гуфтам исёни диламро бар дару деворҳо.

По набигзорам ба берун аз муҳити хонаам,
То ба танҳоӣ набикшоям ба мардум рӯйи дар.

Қулф бар дар, банд андар пои худ бояд занам,
То насӯзам дар шарори чашми ҳар як раҳгузар.

Ҳар дам овои бурун бо завқ мехонад маро,
То гузорам бори ҷурмашро ба рӯи шонаам.
Гар насозам ҳабс ҷонамро зи найранги бурун,
Дар шарори оҳҳо то сақф сӯзад хонаам…

Гум шавам сар то ба по андар нафасҳои сукут,
Баъди фурсатҳо зи дигар, боз ёбам хешро.
Хандаи озодиям дар ҳабси ин деворҳо
Аз ақиби дар биронад тӯдаи бадкешро.

## СОҲИЛИ КОВОК

Мавҷҳо аз иртифои шавқшон
Дар дилам тӯфони ваҳшат зодаанд.
Қуллаҳо-қурбониёни бодҳо
Бар сарам аз соя сар бинҳодаанд.

Соҳилам, як соҳили вомондаам
Дар ҳуҷуми рӯбарӯву пушти сар.
Реза-реза медиҳам худро зи даст,
Нест темори маро як чорагар.

Бар сарам қасди фитодан мекунад
Оҳ, ин кӯҳпора аз арши баланд.
Пораҳояш хуб медонам, ки боз
Рӯйи сӯзи захми пешин мехаланд.

То даме он кӯҳ оворам  кунад,
Мехазам бар пеш аз андӯҳи пас.
Оҳ, аммо сардсилие ба рӯм
Мефурорад мавҷборон ҳар нафас.

Марги ман бо вақт меёбад давом,
Кош, буд он баҳраи моҳии рӯд–
Мурғи моҳихор, к-аз аъмоқи об
Даври ӯро чора мебахшид зуд!..

Қиссаи гумномии ман сабт нест
Дар китоби рӯзгорони ҷадид.
Мурдаму марги маро ҷуз ман касе,
Во сари сахтам, набишниду надид!

## ДЕВОРИ ПИР

Аз ин девор уммеди чӣ дорӣ?
Ки бас афсурдаву ноустувор аст.
Ба китфаш солиёни сол кӯҳе
Зи нафратҳои дунёӣ савор аст.

Аз ин девор, ин девори нақшин
Ба ҷо як пайкари сарду хамӯш аст.
Ҳама зарроти ҷисми дардмандаш
Худоё, хунчакону захмпӯш аст.

Тамоми захмҳои кӯҳнаву нав
Раҳоварди раҳи раҳмондагон аст.

Барои як ҷидори бесаробон
Худоё, вазни ин ваҳшат гарон аст.

Агарчи такядори раҳравон буд
В-агар таксоя ин раҳро ба поён–
Газандеро надид аз н-ошное
Ба ғайри захми теғи ошноён.

Басо аз тирагиҳои раҳи шум
Зи гармо бурда сар андар паноҳаш.
Вале дилхураҳои бекасиро
Касе нашнохт аз умқи нигоҳаш.

Яке бо муштҳои оташинаш,
Дигар бо навҳаи нокомии хеш–
Чунон карданд, к-аз ӯ монд бар ҷо
Муҷассам ин нигори пораву реш.

Аз аввал бори андӯҳи касонро
Бидуни  ҳадс бо худ мекашонид.
Кунун дар аҷзгоҳи нотавонӣ
Ба зери бори ғам ҷон канданаш дид.

Зи пойингоҳи ин девори масмум,
Зи хоке, лобало сард аст, бигзар.
Паноҳаш сояи амне надорад,
Ки сар то по ҳама дард аст, бигзар.

Аз он ҳиммат куҷо ному нишонест,
Куҷо он иртифоъ, он шеваи ранг?
Куҷо мепурсӣ, он ҳашмат куҷо рафт
Аз авҷи он нишот, аз шавқи оҳанг?

Ҷавоби матлабатро дарбиёвар
Зи ҳар як резаи хоки фазояш.
Ва шояд, ки зи юмни дасти ёрӣ
Зи дасти нестӣ созӣ раҳояш.

Канораш бош, гар уммедворӣ
Аз ин девори дар кулфат гирифтор.
Сухан бо ӯ бигӯ аз ошноӣ,
Сукуташро ба ҳукми ёд бигзор,

Барояш муттакои вопасин бош
Дар ин доруламони дилфурӯшон.
Ки аз доройӣ ӯ бошад тиҳидаст,
Ба ғайр аз тундари нанги хурӯшон.

Ба ҷуз ин нанг, нанги оташосо,
Ки созад боз қалбаш пора-пора–
Нахе андар бисоташ ку, ки гардад
Ҳамовози навои ӯ дубора.

Ба бозу такягирӣ гар вуҷудаш,
Бупояд то ба ҷо чун ёдгорӣ.
Вале аз нангу аз номаш бияндеш,
Ки мемирад ба ҳабси шармсорӣ.

Ба ин девор, ин девори танҳо
Нишот аз ҳиммати ҳар поя нанг аст.
Аз ин ру: даст каш аз ёрии ӯ,
Ки чашми раҳравони даҳр танг аст.

Дар ин девор аз вақт аст таҳрир
Сукути солҳои бурдборӣ.
Сукути ояҳои сабзу зебо–
Ба ҳукми бекасиву шармсорӣ…

Нишот аз қудрати ҳар поя нанг аст
Ба ин девор, ин девори масмум.
Бирав пас по ба пои раҳнавардон
Ба шеби растаи сарбаставу шум.

## СУБҲИ КОЗИБ

Баъд аз ғуруб панҷаи шаб нарм мехазад
Бар шонаҳои хаставу дарҳамкашидаам.
В-аз нури маҳ лиқои касе ранг мезанад
Дар тиккаҳои қалби муҳаббатнадидаам.

Дар умқи дидагони само ҷӯш мезанад
Сад шӯълаи ниҳони ҳавасҳои мурдаам.
Онам, ки дар муқобили пайкони ахтарон
Аз шавқи ҷурм ҷону танамро супурдаам.

Шаҳди гунаҳ чакида ба лаб, баъд аз ин дигар
Фикре ба сар набошадам аз бахри доғи нанг.

Бечора нест дар дами теғи хусуму хашм
Он дил, ки зери таънаву нафрин бубаст санг.

Шаб роҳӣ аст, дасти нигаҳ мекашам зи рӯз,
Эҳсоси шабталошию шабхоҳ ғолиб аст.
Баъд аз ғуруб чашм ба парвози шаб равад,
Зеро ки ин сапедаву ин субҳ козиб аст.

## МИЛОДИ МАН

Аввалтар аз баҳор
В-аз лола пештар,
Бе шед рӯи сар
В-аз хеш бехабар
Ман сар кашидаам
Аз хирмани сапеди зимистони сардхӯ.

Дунбола барфбод
В-аз рӯ ба рӯ чунин…
Ин аст ибтидом, оре, ҳамин, ҳамин.

Яхбоди тезпо
Печида пайкарам.
Яххилъати сапед–
Болину бистарам.
Милоди ман ба ҳукми зимистони дерпост,
Милоди ман хатост!?

Он сабзрӯ баҳор
Донам, ки дар куҷост мондагор:

Шояд миёни  халқаҳои ноаёни нур,
Ё дар масири хобҳои кур?..

Шояд баҳор мурд
Аз фарти як ҳақорати пире, ки солҳост
Ду дасти ӯ ду шохаи хушки ибодатанд.
Аммо миёни косаи кафҳои холияш
Шири савоб нест…

Барф аст дар фазом,
Ин аст ибтидом,
Ин аст интиҳом!

## ОЛОИШ

Шояд он шаб раҳнаварде дар канори боғ
Муфт мебӯид гулҳои шақоиқро.
Ё нигоҳе мераҳид аз инҳисори сард,
Бо ҳавас мезад тарона байти Лоиқро.

Оҳ, шояд навдаи атровари пургул
Мешикаст он шаб зи авҷи иттиҳоми бод.
Ҷабраил–он муждаовар аз ҳама некӣ
Мезад аз овори умре нолаву фарёд.

Об ҳам дар кӯраи пуроташи тафсон
Шояд андар фикри ҷуфте хешро месӯхт.
Фикри он ҷуфт, ки дар қоби ҳамоғӯшӣ
Ришта-ришта лолаҳои ҷурмро медӯхт.

Сиккаи шаъни муриде ногаҳон, шояд
Чаппагардон, обрӯяшро ба хок андохт.
Инфиҷори ишқ дар қалби ду мадюне
Кӯдакеро аз ҷаҳони меҳр маҳрум сохт.

Кӯдаке, аз заҷрҳои ин ҷаҳон ғофил–
Кӯдаке, дар ибтидои мубҳами ин роҳ…
Тифли маъсуме, ки аз олудагии даҳр
Мешавад имрӯз, фардо ё, ки баъд огоҳ.

**МЕРАСАМ ЯК РӮЗ**

Аз фазоҳои ғуборандуди вақт
Мениҳам гомам ба фардо бемалол.
Мерасам пас ба дари сабзи баҳор,
Мешавам ҳамдӯш бо Наврӯзи сол!

Боз месозам ба истиқболи нур
Бо таманно пилкҳои хуфтаро.
Мекашам дар қолаби андешаам
Чеҳраи наввожаи ногуфтаро.

Бистаре медӯзам аз ранги баҳор,
Бистаре бошад сазои офарин.
То ба рӯйи он чашам шаҳди лабат
Ҷои нуқли ҳафтсину ҳафтшин…

Мерасам, охир, ба сарвақти баҳор,
Ҷодаҳо беинтиҳо пушти ҳаманд.
Бо фарохоию тӯлонӣ, вале
Дар нигоҳи ишқпарвардам каманд.

## СИЁСАТИ ИШҚ

Мӯҳтавои тақдирам
Ғайри оҳу дарде нест.
Сатр-сатри ашъорам
Ҷуз фазои гарде нест.

Инҳисори бунбастам
Саҳфа-саҳфа танҳоист.
Дар вазорати ишқам
Ҳоюҳуйи расвоист.

Дар нигоҳи мавзунаш
З-эътимод бас дурам.
Раъйи бахт хомӯшист,
Ман сиёҳии гӯрам.

Нашри имтиёзамро
Сужа-сужа месозам.
Мансаби муҳаббатро
Мехарам ба овозам.

## БОВАРҲО

Мутмаинам, ки маро
Ту аз ин хаймаи зулмонии шаб
Ба сарои саҳарӣ хоҳӣ бурд.
Мутмаинам, ки агар
Нарасӣ бар сари вақт,
Дили ман хоҳад мурд!

Мурданам фоҷиа нест,
Мурдани ишқ ҷафост.
Аз барои ману ту
Фурсати зистан аз қайди ҳамин ишқ хатост.

Ман ба андешаи ту
Ончунон бастадилам, бастадилам,
Ки дилам рафт зи даст.
Ҷои ин дил, ба Худо,
Набзи хуршедии ишқи ту нишаст.

Мутмаинам, ки маро
Ту намесозӣ аз оғӯши худодода раҳо!

## ОШИҚПАЗИР

Дастҳои ман бароят
Сояи сабзи дарахтанд.
Шонаҳоям аз бароят
Такягири рӯзи сахтанд.

Чашмҳоям аз таҷаллӣ
Бар саноят мутмаинанд.
Ҷуз ту чашмонам ба олам
Ҳеҷ фардеро набинанд.

Синаи ошиқпазират
Сарҳади маъвои ман ҳаст.
Умр дидан бо ту дигар
Сурати дунёи ман ҳаст!

## ИКТИФО

Гули қоқу сари девор гар хоҳӣ намирад,
Маҳи шабро агар хоҳӣ, ки абр аз ман нагирад,
Ба як дил иктифо кун!
Ба он як дил, ки метаркад ба пои ноумедӣ
Вафо кун!

Барои хандаи маҳтоб дар шабҳои фарвардин,
Барои ҳиммати дастони ахтарчин,
Барои шӯълаи  шабҳо,
Барои бӯсаи лабҳо,
Барои чашми ҳайратзои кавкабҳо…
Ба як дил иктифо кун!
Ба он як дил, ки метаркад ба пои ноумедӣ
Вафо кун!

## ҶУРЪАИ ОХИРИН

Ҷуръае аз ишқ менӯшам, ки боз
Дар  фазои шавқ болу пар занам.
Пас  ниқоби ғайр аз рӯ барканам,
Саҷда андар Каъбаи дигар кунам.

Ҷуръае аз дард  менӯшам, ки сад
Ҷуръаи дигар зи чашми тар занам.
Баъд аз ин бо панҷаҳои оташин
Зарбаҳо бар олами дудар занам.

Ҷуръае аз қаҳр менӯшам кунун,
То набитвонам нигаҳ дорам забон.

То бимонад дар китоби зиндагӣ
Аз мани исёние ному нишон.

Ҷуръае аз тарс менӯшам, ки дил
Метапад берабт дар чанги аҷал.
Не, хато гуфтам, наметарсам зи марг,
Ваҳми ӯ беҳ  з-ин куҳангӯри ҳиял.

**ЁДЕ АЗ МУҚАДДАСИ НАБӢ**

Чакраҳо чак-чак ба поин мезаҳанд
То кунун аз новадони сарди бом.
То кунун дилдодае раҳ мебарад
«Дар  талоши қисмату номусу ном».

Рӯшании «нури нури нури» ӯ
Шишаи зулмонии шабро шикаст.
Ахтари сабз, он гули боғи само
Чун саҳар н-омад, ҳамоно рахт баст.

Мефишонад боз он «Боди сабо»
Оташеро аз шарори хотире.
Оташе, ки зор мемирад дигар
Дар сари хоки мазори хотире.

«Боз як рӯзи ғаму шодӣ гузашт»,
Рӯзҳо якранг, монади ҳаманд…
Такя бар  беди ғарибе додаам,
Байни мо деворҳои маҳкаманд.

## ТАБАРРУК

Ман аз он диёри ғурбат
Ба диёри ту расидам.
Зи канори дилҷудоӣ
Ба канори ту расидам.

Ба садоқату сабурӣ
Пайи умр кӯр кардам.
Зи раҳам басе сади сахт
Батамом дур кардам…

Ғаму ғурбат аз дари ишқ
Ҳади имтиҳони мо буд.
Гули меҳри ишқи печон
Ба фазои синаҳо буд…

Ба шарофати муҳаббат
Дили ман дар ихтиёрат,
Қадами вафо гузорам
Ба зиёрати диёрат.

## ҚАДРМАНД

Ба саҳифаи хазонам
Ту ғазал-ғазал баҳорӣ.
Накунад Худо, ки рӯзе
Зи насиб вогузорӣ!

Ту чу абр қадрмандӣ
Ба талабгарони борон.

Бишукуфтаӣ чаманвор
Ба муроди дӯстдорон…

Ба ҷалоли бемисолат
Дари хулдро кушудӣ.
Ту бигӯ, ки чист кешат,
Ки маро зи ман рабудӣ?!

## ОИНА МЕГӮЯД

Аз он рӯзе, ки чашмонам ҷамолатро намебинанд,
Шақоиқҳои бедори баҳори сина ғамгинанд.

Ғубори рафтанат боқист дар оинаи девор,
Ба ман оина мегӯяд, ки даст аз ишқи ӯ бардор!

## ХУДО БАХШАД

Ба ман гуфтӣ: «Худо ҳофиз!»
–Машав аз ман ҷудо,–гуфтам.
Ба ман гуфтӣ:

–Бубахш,–аммо
Туро бахшад Худо,–гуфтам.

## МУНДАРИЧА


Ба ҷойи фотиҳа…………………………………

Бегоҳи фартут ………………………………..

Нафаскоҳида …………………………………

Сарвақт ………………………………………

Иншои чашм …………………………………..

Гусаста ……………………………………….

Шодиангезтарин шаб ……………………………..

Хатсайри яксӯ ……………………………….

Ишқинтизор ………………………………..

Гусастан …………………………………….

Як лаҳза ……………………………………….

Мусаввир …………………………………….

Ғамовоз ………………………………………

Хуршедрабо ……………………………….…

Ҳиммати ҷӯй …………………………………

Ҳурмати дидор ………………………………

Офтоб аст гувоҳам ………………………….

Парандаҳо …………………………………..

Фанди ширин ……………………………….

Модар, дуо бикун! ………………………….

Видоъ ……………………………………….

Ожанги тирамоҳ …………………………..

Ҳикояти шукуфтан ………………………..

Фикри раҳоӣ ………………………………..

Фарҳанги ишқ ………………………………

Сабзу арғувонӣ …………………………….

Ошиқ ………………………………………..

Иқрор ……………………………………………
Хоҳиш ………………………………………..
Оёти хуршедӣ ……………………………….
Асорат ………………………………………..
Ҳамхонаи шаб ……………………………...
Нуҳуфтагоҳ ………………………………….
Бесару бесабру бепарво……………………
Ҳикоёти наҳиф …………………………….
Гуфтугӯ ……………………………………..
Ғуруб ………………………………………..
Хандаи озодӣ ………………………………
Соҳили ковок ………………………………
Девори пир ………………………………….
Субҳи козиб ………………………………….
Милоди ман …………………………………
Олоиш ………………………………………..
Мерасам як рӯз ……………………………..
Сиёсати ишқ …………………………………
Боварҳо ………………………………………..
Ошиқпазир …………………………………
Иктифо ……………………………………
Ҷуръаи охирин …………………………
Ёде аз Муқаддас Набӣ …………………..
Табаррук …………………………………….
Қадрманд ……………………………………..
Оина мегӯяд ……………………………………
Худо бахшад …………………………………..

**ОРЗУ**

# ТАРОНАИ ТАНҲОӢ

**(Маҷмӯаи шеърҳо)**

Муҳаррири ороиш Р. Шералӣ

Муҳаррири саҳифабандӣ М. Саидова

Чопи компутерии Р. Атоева

Ба матбаа… таҳвил гардид. Чопаш…. ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84Х108 1\16. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ… Теъдоди нашр… Супориши № …

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17 а.